**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, ш. Душанбе кучаи Наҳимов 64/14**
**E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи “Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар шароити муосир ҳалли масъалаҳои таъмини мустақилият ва амнияти озуқавории ҳар як мамлакат – вазифаи муҳимтарин маҳсуб меёбад, ки ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ пешбарӣ карда мешавад. Барои расидан ба ҳалли ин масъалаи муҳим ва зарурӣ дар шароити имрӯза ташаккул ва рушди бозори озуқавории минтақа ва зерсохтори он нақши муҳим ва калидӣ мебозад, зеро таъмини аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозори озуқаворӣ таъмин карда мешавад. Ин ба қобилияти давлат дар истифодаи захираҳои дохила ва иқтидори агроиқтисодии кишвар барои истеҳсол ва таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ вобаста аст, ки гарави мустақилияти озуқавории иқтисодӣ ва истиқлолияти сиёсӣ мебошад. Як қисми мумимтарини гузаронидани сиёсати давлатӣ ҳамчун таъмини амнияти озуқаворӣ ин ташаккули бозорҳои озуқаворӣ ба шумор меравaнд. Бояд зикр кард, ки самаранокии механизми танзим дар таъмини аҳолӣ бо воридоти пай дар пайи маҳсулоти озуқаворӣ ба миқдори кофӣ, пешгирӣ намудани буҳрони озуқаворӣ асосан аз ҳисоби истеҳсоли ватании маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ аҳамияти мақсадноки стратегӣ дорад, зеро ки аз татбиқи ҳадафҳои гузошташуда на танҳо амнияти озуқаворӣ, балки амнияти миллӣ низ вобаста аст.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки бозори минтақавии озуқаворӣ дар низоми хоҷагидорӣ ҷойгоҳи махсусӣ худро дорад, ки ба вазъи таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза бевосита таъсир мерасонад. Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ, махсусан дар мисолаи вилояти Хатлон, ки аз ҳисоби заминҳои корам ва обӣ дар ҷумҳурӣ мавқеи арзандаро ишғол мекунад, дар мутаъдилсозии истеҳсолоти озуқаворӣ ва мунтазам баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти озуқавории худӣ мусоидат хоҳад намуд.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия оид ба масъалаҳои назарии бозор, бозори озуқаворӣ ва бозори минтақавии озуқаворӣ диққати махсус равона намудааст, аммо вобаста ба мавзуи диссертатсия бештр ба муамоҳои назариявии бозори минтақавии озуқаворӣ нуқтаи назари худро равона намудааст, ҳамчунин дар автореферати кор омӯзиши

таҳқиқоти бозори озуқавориро мавриди баррасӣ қарор дода, модели омӯзиши бозори минтақавии озуқаворҳии минтақаро вобаста аз ду қисм (қисми аввал омӯзиши унсурҳои марказии бозор ва қисми дуюм дурнамои онҳо) пешкаш кардааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошанд.

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки кори аз ҷониби муаллиф таҳрезишуда, шаш самти асосиро дар бар гирифтааст. Дар қатори онҳо таҳия ва асоснокунии масъалаҳои моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, шарҳу маънидоди калимаҳои калидии мавзуъ; таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи рушди бозори минтақавии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон; муайян кардани тамоюлҳои истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар заминаи усулҳои таҳлили комплексӣ, муқоисавӣ, омилӣ мебошанд, ки муаллиф натиҷаҳои таҳлилро шарҳ ва хулоса намудааст. Инчунин, ҳисоб кардани таъсири омилҳои таъсиррасон ба ташаккули арза ва тақозо дар бозори озуқаворӣ бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ –риёзӣ, амсилаи оморӣ – регрессионӣ ва истифодаи он дар дурнамои инкишофи он; пешниҳоди самтҳои афзалиятноки савдои чаканаи маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Хатлон барои давраи солҳои 2030 таҳия ва асоснок шудааст, ки ба фикри мо аҳамияти илмӣ-методӣ ва амалиро доро мебошанд.

Дастовардҳои мусбати тадқиқоти номбарушуда аз назари илмӣ – назариявӣ, таҳқиқи ин масъала дар солҳои 2018-2022 ва муқаррар кардани самтҳои ташаккули бозори озуқаворӣ дар асоси иттилоотии омории солҳои гузашта дар мисоли вилояти Хатлон ва ноҳияҳои он дар асоси истифодаи услуби комплексӣ бо нишондоди таъсири омилҳои мусбат ва манфӣ, асоснок кардани хулосаю пешниҳодҳо ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин бобат, хулосаҳои муаллиф нисбати таҳлили вазъи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ва истифодаи ҳатмии усулҳои муқоисавӣ ва таъсири омилҳои асосиро, ки дар заминаи ҳисобкуниҳои компютерӣ иҷро шудаанд, хеле муҳим ва саҳеҳияти онҳоро мо дар сатҳи баланд арзёби мекунем. Тавре, ки муаллиф дар саҳифаи 23 автореферат нишон додааст, таъсири шаш омили асосиро ба ҳаҷми гардиши чаканаи молҳои озуқаворӣ дар вилояти Хатлон бо ҳисобҳои саҳеҳи иқтисодӣ, дақиқ ва амиқ муайян кардааст, ки дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Аҳамияти илмӣ – амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи муаллиф ба инкишофи назариявии бозори минтақавии озуқаворӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он мусоидат хоҳад кард.

Дар қатори дастоварду муваффақиятҳои дар автореферат овардашуда, баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ва баҳснок ҷой доранд:

1. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар кор муаллиф аз усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо ва анкетакунонӣ дар байни соҳаҳои гуногун, сатҳи қаноатмандии онҳо аз бозори озуқаворӣ истифода менамуд.

2. Дар саҳифаи 22 автореферат пешгӯйии ҳаҷми гардиши чаканаи молҳои озуқаворӣ дар вилояти аз рӯйи модели риёзӣ – иқтисодии регрессионии бисёромила таҳия ва асоснок гардидааст, аммо таъсири омилҳоро (мусбат ё манфӣ) нокифоя шарҳ додааст.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, сифати баланди кори илмиро паст намекунад.

Диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзӯи дар боло зикршуда тавре, ки аз муҳтаво ва мазмуни мухтасари он пайдо мешавад, дар воқеъ кори мустақилонаи илмӣ мебошад, ки аҳамияти методологӣ ва амалӣ дорад ва бояд таваҷҷуҳи мақомотҳои ҳавасманди давлатӣ ва маҳаллиро ба худ ҷалб кунанд.

Автореферати диссертатсия аз рӯи таркиб ва мазмуни худ кори мустақилонаи илмӣ ва квалификатсионӣ мебошад, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Кори илмӣ пурра ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи диссертатсия барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ-и
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Рузибоев Ҳусейн Гулмуродович

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рузибоев Ҳусейн Гулмуродович-ро тасдиқ мекунам:

н.и.с., сардори шуъбаи кадрҳо ва
коргузории Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон — Раҳматулло Нусратулло

Суроға:
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
ДТТ, к. Н. Қарабоев 63/3
**Тел.:** (+992) 100042744, **E-mail.:** Husein_R@mail.ru